# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии доктори фалсафа PhD-и кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» - Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ».

Рисолаи илмии доктори фалсафа PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими химия дар асоси маводҳои психологӣ, педагогӣ ва таърихӣ омода шудааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор аз бахшҳои муқаддима «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» ба зербахши «Тавсияҳо оид истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 163 саҳифаи матнии компютерии бо ёрии протссесори матни Microsofti Word ҳарфчиншуда иборат буда, 25 расми диаграмма ва 10 ҷадвалро дарбар мегирад. Рақамгузории ҷадвалҳо барои ҳарду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 150 номгӯй мебошад

Дар муқаддима мубрамияти масъала асоснок карда шуда, объект ва предмети таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, фарзия ва нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ифода ёфта, асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо тавсиф ёфтаанд.

Масъалаи омӯзиш ва татбиқи методикаи таҳияшуда барои ҳавасмандӣ ба фанни химия, омӯзиши он, фаъолияти фикрии хонанда ва сифати аз худ кардани донишҳои химиявӣ аз тарафи онхо нақши калон мебозад. Аз ин ҷо ин методикаро ҳангоми таълими химия дар хама синфҳо истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст. Бояд гуфт, ки дар самти омода кардани омӯзгорони

ояндаи соҳаи химия таҳқиқи самаранокии курси махсус «Муҳити зист аз нигоҳи химик» собит намуд, ки дар дарсҳои химия дида баромадани маводи химиявӣ, ки хонандагон дар ҳаёт бештар вомехӯранд ва ҳатто истифода мебаранд, барои боз ҳам хубтару амиктар азхуд намудани маводи таълимии химия ёрӣ расонида, шавқу рағбати онҳоро ба омӯзиши фанни химия зиёд менамояд.

Фанни химия на танҳо донишҳои илмӣ - амалии санҷидашуда, балки ҳолати ҳозира ва тараққиёти ояндаи соҳаи илмро низ бояд фаро гирад. Барои ҳамин омӯзгори химия бояд таърихи химияро хуб донад, ба масъалаҳои ҳозира такя карда, дар мӯҳтавои маводи таълимӣ тараққиёти ояндаи илм ва истеҳсолоти химияро ҷой диҳад

Салоҳиятнокии химиявӣ аз фаъолияти ғании педагогии омӯзгор вобаста мебошад, ки татбиқи методҳои гуногуни химиявӣ, педагогӣ ва психологӣ дар дарсҳои ӯ мушоҳида карда мешавад. Табиист, ки истифодаи васеъ ва методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия ва татбиқи он дар дигар соҳаҳои илмҳои табиатшиносию ҷамъиятшиносӣ дар ҷараёни таълими онҳо аз санъати дарсгузарии омӯзгорӣ фанни химия вобаста аст ва методикаи мазкур дари бозе ба ҷаҳонбинии хонандагон хоҳад буд.

Дар илми педагогика айни замон фонди илмии васеъ ҷамъ гардидааст, ки моҳият ва қонунияти амалишавии методҳои таълимро мекушояд. Гурӯҳбандии онҳо барои ошкор кардани умумӣ ва махсус, аслӣ ва тасодуфӣ, назариявӣ ва амалӣ кӯмак мекунад ва бо ҳамин ба истифодаи мақсаднок ва муассир мусоидат мекунад, ба фаҳмидани таъинот ва нишонаҳои хислатие, ки ба методҳои алоҳида хос аст, ёрӣ мерасонад.

Азимова Шабнам Раҳматуллоевна бо чунин назардошт системаи методҳои умумии таълиму тарбияро чунин ҷудо кардааст:

-Методҳои назариявӣ таҳлили адабиёти методӣ, психологию педагогӣ доир ба масъалаи методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандй;

- Методҳои эмперикӣ: мушоҳида, гузаронидани тест, пурсиши омӯзгорон ва хонандагон, мукоиса;

Методҳои таҳлили сифатӣ ва микдории педагогӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада.

Докторант тавонистааст мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар партави қарору ҳуҷҷатҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андар худшиносиву посдорӣ ва омӯзиши фанни таълимии худ зеҳни илмии хонандагонро рушд диҳад, то ин ки онҳо ба ҳалли вазифаҳои амалии дар ҳаёт дучоромада тайёр бошанд ва донишҳои гирифтаи худро бар манфиати кишвар анҷом дода тавониста бошанд, анҷом додааст.

Бояд гуфт, ки дар илми педагогика масъалаи методикаи таълим масъалаи ниҳоят муҳим ва пураҳамият ба шумор меравад. Докторант дар тӯли шаш соли таҳқикоти худ аз масъалаҳои гуногуну мубрами педагогика ва методикаи таълими химия огоҳи ёфта, аҳамияти назариявию амалии кор ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъро саҳеҳ, баён карда, хулоса ва тавсияҳои ҷолиб пешниҳод кардааст.

Воқеан, татбиқи методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шуда дар омӯзиши фанни химия барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

Маводҳои пешниҳоднамудаи Азимова Ш.Р. дар раванди таълими химия натанҳо мушоҳиддакорӣ, фикррони хонандагонро рушд менамояд, балки ба омӯзгор имконият медиҳад, ки таҷрибаи шахсӣ ва касбияти худ бар маводи омӯзиширо дар матни чӣ илмӣ ва чӣ педагогии таълиму тарбия васеъ истифода баранд.

Натиҷаи таҳқиқоти докторанти PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар маҷаллаҳои махсуси илми ба табъ расидаанд.

Ман итминон дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳоднамудаи Азимова Ш.Р. ин оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ андар ҷодаи доманадори илми педагогика

ва хусусан методикаи таълими химия ба шумор рафта, метавонад дар оянда пажуҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) мебошад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва мӯҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор:** **Холназаров С.**
**Имзои Холназаров Сангро**
**тасдиқ мекунам.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав» :** **Шукурзод Ҷ.А.**